**Ба шурои диссертатсионии 6Б.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**(суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,**
**шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)**

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори (Ph.D) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович ба яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодӣ миллӣ, яъне инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва амалии масъалаи ишорашуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бешак, густариш ва инкишофи шарикии стратегии ширкатҳои сагноатии ватанӣ омили муҳимми таъмини рақобатпазирии онҳо, таҳкими иқтидорӣ инноватсионӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот, ҷорӣ намудани консепсяи воридотивазкунанда ва ботадриҷ инкишоф додани зарфияти содиротии онҳо мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ докторант нуқтаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиеро ба ҳимоя пешниҳод менамояд, ки баҳри шинохти ҷанбаҳои назариявию методии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, усулҳои асосӣ ва омилҳои муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон муоидат хоҳад кард.

Муаллиф механизми ташаккулёбӣ ва инкишофи шарикии стратегиро чун алоқамандии аносири умдаи он (принсипҳои асосӣ, шаклҳо ва самтҳои ҳамкорӣ, усулҳои баҳамоӣ) дар заминаи таъмини

оқилонаи алоқамандии омилҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории баҳамоии шарикон дар бахши саноат пешниҳод намудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Ҳамчунин, ҷиҳати таъмини асосҳои методии тадқиқот принсипҳои асосии ташкил ва пешбурди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омезиши фарҳангҳои мухталиф пешниҳод шудаанд, ки зарурати инкишофи фазои иттилоотиро бо таваҷҷуҳ ба густариши бемайлони иқтисодиёти рақамӣ ба миён меоварад ва аҳаммияти барқарор намудани робитаҳои мутақобилан судмандро байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар ростои таъмини рақобатпазирӣ ва эҷоди самараи синергетикӣ асоснок менамояд.

Ба андешаи муаллиф, татбиқи тадбирҳои зерин метавонад ба рушди шарикии технологӣ бештар мусоидат кунад: огоҳии кормандон аз фалсафа, ҳадафҳо ва вазифаҳои шарикии технологӣ; шиносоии кормандон бо системаи шарикии технологӣ дар кишварҳои дигар; ташаккули эътимод боварӣ байни роҳбарон ва кормандон дар раванди шарикии технологӣ; таъмини шаффофияти раванди татбиқи шарикии технологӣ; таъмини ҳавасмандгардонии кормандон ҷиҳати ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои муайяни шарикии технологӣ; пешниҳоди имкониятҳои молиявӣ барои роҳбарон барои ҷалби шарикон ва коршиносони соҳа; раванди назорати иҷрои қарорҳои қабулшуда дар воҳидҳои маъмурӣ; сатҳи истифодаи технологияҳои коммуникатсионӣ ва иттилоотӣ дар раванди идоракунии шарикии технологӣ ва амсоли он.

Баъзе камбудӣ ва норасоиҳои ҷузъӣ низ дар автореферат ба назар мерасад. Чунончӣ, хулосаҳои муаллиф дар робита фаъолияти корхонаҳои саноатии кишвар дар самти ҳамгирой бо корхонаҳои саноатии кишварҳои дуру наздик чандон эътимодбахш нест. Аммо ин эрод характери тавсиявӣ дорад ва муаллиф метавонад онро дар таткиқотҳои минбаъдаи худ ба назар гирад.

Дар маҷмуъ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти рисолаи илмӣ дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар

шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент), пешниҳод шудааст, ба талаботҳои КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ аст ва муаллифи он, Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович, сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои иқтисод, дотсент**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва**
**фаъолияти соҳибкории ДБССТ** **Сафоев А.К.**

**Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х: Борбад, 48/5,**
**Tel./Fax.: (+992 37) 234-88-02; +992907733247. E-mail: safoev@list.ru**

**Дурустии имзои А.К. Сафоевро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

20.08.2024